***Тақриз***

***ба фишурдаи диссертатсияи Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи «Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмхои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик)***

Кори диссертатсионии Камолова Гадобегим Раҳимовна ба яке аз масъалахои муҳими илми забоншиносӣ - муайян кардани таърихи инкишофи аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Солҳои охир дар масъалаҳои имлоию истифодаи аломатҳои китобат дар забони тоҷикӣ барои донишҷӯён ва муаллимон мушкилиҳои зиёде пеш омададаанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки муаллифону муҳаррирон дар нашрияҳои мухталиф қоидаҳои имлоро бо салоҳидиди худ истифода мебаранд. Иловатан, пайдоиши воситаҳои муосири табъу нашр ва компютерҳо барои корбурди аломатҳои китобат ва имло имконоти васеъ фароҳам оварда истодаанд. Ниҳоят, бо равнақу ривоҷ ёфтани муносибатҳо бо мамолики хориҷӣ ва бо таъсири забонҳои дигар, аз ҷумла кишварҳои англисизабон, ба забони тоҷикӣ аломатҳои китобати нав ворид шудаанд, ки доир ба истифодаи онҳо дар қоидаҳои имлои мавҷуда чизе гуфта нашудааст.

Муҳимияти ин мавзӯъ пеш аз ҳама бо тамоюли рузафзуни ошкор кардани манбаъҳои ташаккули аломатҳои китобат, инчунин таъсири омилҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва накши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ алокаманд мебошад.

Оиди масъалаҳои марбут ба аломатҳои китобат ва имлои он асарҳои зиёде аз ҷониби олимон таълиф карда шудаанд. Дар ин асарҳо маълумоти зиёде дар бораи аломатҳои китобат дода шудааст, лекин ҳамаи ин таҳқиқотҳо бештар ҷанбаи таърихӣ доранд. Таърихи ташаккул ва таҳаввулоти аломатҳои китобат дар забоншиносии тоҷик ба таври мушаххас мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ки то ҳол ҳам ба пажӯҳиши амиқ ниёз дорад. Аз ин лиҳоз кори диссертатсионии Камолова Гадобегим Раҳимовна назари таҳқиқотии наве дар муайян намудани таърихи пайдоиш, моҳияти таркиб ва хусусиятҳои аломатҳои китобати забони адабии ҳозираи тоҷикӣ маҳсуб меёбад.

Навгонии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки дар ин рисола бори нахуст асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва накши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ таҳқиқ карда шудааст, ки имкон медихад таърихи пайдоиши аломатҳои китобатро дар забони тоҷикӣ пайгирӣ намуда, усулу роҳҳои асосии лингводидактикии он муқаррар карда шавад.

Равиши муқоисавию таърихӣ ҳамчунин ҳангоми муқоисаи

аломатҳои китобати забони тоҷикӣ бо муодили арабӣ, русӣ ва дигар забонҳо низ мавриди истифода қарор гирифтааст.

Диссертатсияи тақризшаванда, ки дар ин заминаи таърихи инкишофи аломатҳои китобат анҷом дода шудааст, ба таҳқиқоти минбаъдаи асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва таърихи ташаккулу такомули он соҳаҳои дигари илму фан на танҳо забони тоҷикӣ, балки дигар забонҳои олам роҳ мекушояд.

Диссертатсия аз мукаддима, се боб, хулоса ва адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар мукаддима муҳиммияту нававарии таҳқиқот асоснок гардида, дараҷаи омӯзиш, мақсаду вазифаи таҳқиқ, нукоте, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд ва дигар нуқтаҳои асосии дар рисола баррасишуда номбар шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия, ки** «Асосҳои назариявии таълими аломатҳои китобат дар мактаб» ном дорад, аз чаҳор фасл тартиб ёфтааст.

**Дар фасли аввали ин боб** «Вазифа, таъйинот ва аҳаммияти истифодаи аломатҳои китобат дар муассисаи таҳсилоти умумӣ» ба таври фарогир доир ба мафҳуми аломатҳои китобат ва махсусиятҳои он сухан меравад. Диссертант таъкид мекунад, ки аломатҳои китобат яке аз василаҳои асосии забон маҳсуб ёфта, аввалин назарияҳои аломатшиносӣ дар лингвистикаи ҷаҳонӣ дар аввали асри XX тавассути таҳқиқоти олимони Ғарб ба миён омадаанд. Аз руйи нуктаи назари ин олимон маълум мегардад, ки аломатҳои китобат бо тамоми хусусиятҳояш аз морфемаҳои одии забонӣ фарқ карда, мустакилона метавонад ба асарҳои фарҳангнигорӣ ва донишномаҳо ворид шавад.

**Фасли дувуми боби якум** «Принсипҳои методии таълими аломатҳои китобат дар мактаб» ном дорад.

Тазаккур бояд дод, ки аломатҳои китобати забони тоҷикӣ ба таърихи сиёсию иҷтимоии халқи тоҷик ва дигар мардуми форсизабон робитаи ногусастанӣ дошта, марҳилаҳои рушду такомули забонро низ ба таърихи сиёсию фарҳангии миллат алоқаманд аст.

**Фасли севуми боби якум** «Мавқеи таълими аломатҳои китобат дар барнома, китобҳои дарсӣ ва корҳои илмию методӣ» ном дорад.

Возеҳ аст, ки барнома ҳуҷҷатест, ки ҳаҷм, дониш, пайдарпайӣ ва мазмуни корҳои амалию назариявии омӯзгорро нишон медиҳад ва он дар дасти омӯзгор ба сифати раҳнамое мебошад, ки кори таълиму тарбияро ба низом медарорад. Ин нукта низ дар рисола ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Дар фасли чорум – «Метод, тарз ва воситаҳои таълими аломатҳои китобат»** оид ба истифода ва самаранокии методу тарз ва воситаҳои омӯзиши аломатҳои китобат дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ маълумот дода шуда, натиҷаҳои озмоиш дар муассисаҳои таҷрибавӣ пешниҳод гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Аспектҳои методии кор бо аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши мавзӯъҳои алоҳидаи ҷумлаҳои сода»** ном дорад

ва аз се фасл иборат мебошад. Фасли аввали ин боб **«Таълими аломатҳои китобате, ки дар охири ҷумла меоянд»** унвон дошта фарогири масоили марбут ба мақсаду мавридҳои истифодаи се аломат: нуқта, савол, хитоб ва методу усулҳои босамари таълими онҳост. Фасли дуюми ин боб **«Таълими аломатҳои китобате, ки дар таркиби ҷумлаҳо меоянд»** ном дошта, фарогири маълумот оид ба тарзу усулҳои муассири таълими ин гурӯҳи аломатҳои китобат мебошад. Фасли сеюми – «**Истифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши мухотаб ва воҳидҳои туфайлӣ**» унвон гирифта, мухотаб аз дигар аъзои ҷумла, маъмулан, бо аломати вергул ва ё аломати хитоб ҷудо карда мешавад.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки **«Таълими истифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши нутқи айнан нақлшуда ва ҷумлаҳои мураккаб»** ном дорад ва аз ду зерфасл иборат аст, роҳу воситаҳои аломатҳои китобат мавриди таҳқиқ қарор гирифта, таъкид шудааст, ки аломатҳои китобат бе ҳеҷ шакку шубҳа заминаи асосии рушду пешрафти ҳар соҳаи илму санъат ба ҳисоб меравад. Диссертант роҳҳои асосии лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикиро хело хуб шарҳ додаст.

Фасли якум – «**Истифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши нутқи айнан нақлшуда**» ном дошта, мавқеи асосии аломатҳои китобат ва роҳҳои корбурдӣ онро дар алоҳидагӣ дида баромадааст.

Фасли дуюми боби сеюми диссертатсия - «**Истифодаи аломатҳои китобат ҳангоми омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб**» унвон дошта, дар ин бахш истифодаи аломатҳои ист дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб мавриди таҳлилу тасвир қарор гирифтааст.

Дар қисмати **Хулоса** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти баанҷомрасида баён карда шудаанд.

Муваффақияти диссертант он аст, ки дар заминаи маводи фаровони илмию адабӣ бори нахуст дар забоншиносии тоҷикӣ таърихи ташаккул ва такмили минбаъдаи аломатҳои китобати забони тоҷикиро таҳқиқ карда, натиҷаи назаррасро ба даст даровардааст.

Баробари таъкиди комёбиҳои таҳқиқот баъзе фикру таклифҳоро низ баён карданием:

1. Дар боби саввум, ки диссертант онро ба ду зерфасл ҷудо кардааст, тарзи рақамгузориаш каме омехтатар ба назар мерасад.
2. Дар саҳифаи 12-уми автореферат хатоӣ имлоӣ дида мешавад.
3. Қисмати хулоса, ки дар он нуктаҳои асосии натиҷаи ба даст даровардa зикр шудааст, хуб мешуд, ки бо роҳи рақамгузорӣ ҷудо карда шавад.

Чузъиёти номбаршуда чун таклиф пешниҳод карда шуд, ки ба қимати илмии тадқиқот таъсир намерасонад, кори тадқиқотии тақризшаванда аз беҳтарин тадқиқотхоест, ки дар соҳаи забоншиносии тоҷик, ки соҳаи дигарро аз нуқтаи назари лингвистӣ ба қалами таҳлил кашидааст, ҷолиби диққат мебошад.

Диссертатсияи Камолова Гадобегим Раҳимовна дар мавзӯи «Асосҳои лингводидактикии таълими пунктуатсия ва нақши он дар саводнокии нутқи хаттию шифоҳии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмхои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забон ва адабиёти тоҷик) гузошташуда буда, худи диссертант сазовори унвони номзади илмҳои педагогӣ аст.

Номзади илмҳои педагогӣ,
муовини директор оид ба таълими
Коллеҷи омӯзгории ба номи
Хосият Махсумоваи ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ — Ҷӯраев Ҳ.А.

Имзои Ҷӯраев Ҳ. – ро
тасдиқ мекунам,
мудири шӯъбаи кадрҳои Коллеҷи
омӯзгории ба номи Хосият
Махсумоваи ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ — Раҳимова А.И.

ШӮЪБАИ КАДРҲО